«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор_____Шарифзода М.М.
«_____» _____10_____ соли 2022

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Одиназода Носир Садир дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ - ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи Одиназода Носир Садир таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ҳифзи ҳуқуқӣ - ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва

маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқӣ - ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ироа гардидааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) бо мақсади рафъи зиддиятҳои байни қонуни ҷиноятӣ (м. 284 КҶ ҶТ) ва қонунгузории махсус дар баробари муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҳамчун кирдорҳои ҷиноятие, ки тарафи объективии ин таркиби ҷиноятро тавсиф мекунанд, бояд амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба омузиши геологӣ ва таҳқиқу ҷустуҷуи конҳои ин сарватҳо, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо низ эътироф карда шаванд. Ин фаъолият бояд дар мавридҳои вайрон кардани на танҳо қонунҳо, балки ҳангоми вайрон кардани талаботи зерқонунӣ низ ғайриқонунӣ дониста шаванд (саҳ.15).

б) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ объект, аломатҳои объективӣ, субъект ва аломатҳои субъективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи таркиби ҷиноят андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамзамон, пешниҳод намудааст, ки бо мақсади бартараф намудани номувофиқатиҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳангоми муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, пешниҳод карда мешавад, ки муносибатҳои соҳаи омузиш ва таҳқиқу ҷустуҷуи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, низ дар доираи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ворид карда шаванд (саҳ.15).

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, вобаста ба ворид намудани тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят дар доираи м. 284 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод карда мешавад, ки м. 285 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад, ки ин сар карда аз фаъолиятҳои вобаста ба таҳқиқ ва ҷустуҷуи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё саркашӣ кардан аз супоридан ё ба давлат фурухтани ин сарватҳо то иҷрои ҳама гуна шаклҳои гуногуни гузариши ҳуқуқи молумулк ба ин объектҳо ҳамчун як ҷараёни ягонае, ки дар доираи як низоми (маҷмуи) муносибатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ягона ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад (саҳ.17).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо муваффақ гардида, нуқтаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажуҳиши хусусияти монографӣ дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавии манъкуниҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ пешбиникардаи м. 284 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳуриии Тоҷикистон, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешбинӣ менамояд. Навгонии илмии корро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар партави дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба амал омадаанд. Дар сатҳи рисолаи номзадӣ ҳаллу

фасл намудани мушкилиҳои зиёде, ки ҳатто дар ФР мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, дар бар мегирад. Дар муносибат бо илми Тоҷикистон бошад, таҳқиқоти мазкур аввалин рисола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот ба таври амиқ баррасӣ карда нашуда, он дар сатҳи нашр ва таҳлили мухтасар дар китобҳои дарсӣ ва шарҳу тафсирҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Мутаносибан бо ин, дар кори таҳқиқотии мазкур бори аввал таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо қонунгузории дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ бо назардошти тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, гузаронида шудааст.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омузиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро дар бар мегирад.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

– дар пешниҳоди сеюми хусусияти амалидошта муаллиф дар доираи қонунгузории амалкунанда мавҷуд набудани меъёри муайянкунандаи андозаи зарар дар шакли нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба фарқгузории кирдори маъмурӣ аз кирдори ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки агар андозаи зарар аз ҷинояти дар боло зикршуда то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил кунад, ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шавад (саҳ.16).

– дар пешниҳоди чорум хусусияти амалидошта, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, ки аломатҳои таркиби ин ҷиноят аниқ муайян карда шуда, категорияҳои ин ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ба онҳо алоқаманд буда ҷудо карда шавад (саҳ.17).

– дар пешниҳоди панҷум хусусияти амалидошта, барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ на фақат барои таркиби ин ҷиноят, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо муқаррар карда шавад (саҳ.16).

– таҳқиқбаранда бо мақсади ҳар чи пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар шуморидааст, агар ба санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда» (б. 26)-ро тақозо менамояд. (саҳ.18);

- бо мақсади мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо пешниҳод намудааст, ки дар м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои вазнинкунанда дохил карда шаванд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он, бештар буда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҷудо намудани онҳо ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад илова карда шавад (саҳ.18);

– дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда аз ҷониби як шахс дар вақтҳои гуногун содир шудани ду ва ё зиёда ҷиноят ҳамчун такрорӣ эътироф шудааст. Аз ҷониби муаллиф иваз шудани калимаи такрорӣ ба якчандкарата пешниҳод карда чунин шуморидааст, ки содир кардани ду ва зиёда кирдори дар ҳамон як модда ё қисми моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинишуда якчандкарата содир кардани ҷиноят эътироф мешавад. Ба ибораи дигар якчандкарата ҳамчун содиркунии ду ҷинояти ба ҳам монанд аз ҷониби худи ҳамон як шахсе, ки барои ҳар дуи кирдори содиршуда доғи судӣ надорад, ба назар мувофиқ мешуморад (сах.18).

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Зербоби сеюм боби якуми диссертатсия ба масъалаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҷавобгарии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бахшида шудааст, ки ин албатта барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Аммо, муаллифи диссератсия таваҷҷӯҳи худро дар доираи таҳлили ин мавзӯъ маҳдуд намуда, баъзан қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷиро, ки дар самти муқовимат ба ин ҷиноятҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор надодааст. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ ҳангоми ҳимояи диссертатсия чунин усули таҳқиқоти худро асоснок намояд;

2. Дар диссертатсия маълумоти оморӣ доир ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар солҳои 2010-2021 мавриди таҳлили алоҳида қарор дода шудааст. Аз диди мо, нишондоди омории 6 моҳи аввали соли 2022 – ро низ

илова намудан зарур буд. Зеро дар чунин ҳолат, маълумот оид ба вазъи муосири ҷиноятҳои алоқаманд ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид мукаммалтар мегардид.

3. Муаллиф дар диссертатсия (с. 12-13) дарҷ менамояд, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки самтҳои мухталифи мавзурро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Албатта, таҳлил ва баррасӣ намудани корҳои зиёди илмии олимони хориҷӣ, мазмун ва мӯҳтавои диссертатсияро баланд менамояд. Аммо, дар кори мазкур ба назари олимони ватанӣ вобаста ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Доир ба ин масъала, мехостем муаллиф мушаххас намояд, ки ӯ бо дарназардошти кадом омилҳо аз истифода намудани корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ доир ба мавзуи тақризшаванда худдорӣ намудааст.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба мӯҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, бахусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Одиназода Носир Садир ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Одиназода Н.С. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ - назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. **Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ - назариявӣ таҳти № 1 аз 8 октябри соли 2022.**

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Қурбонзода Беҳруз Шариф – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода шуда, дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. **Суратҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедра таҳти № 3 аз 10 октябри соли 2022.**

Раиси семинари васеи илмӣ - назариявӣ:
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати

Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Ахмедов Н.И.**

Ташхисгар:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ **Қурбонзода Б.Ш.**

Котибаи ҷаласа:
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ **Муллоҷонова Н.А.**

**«Имзои Ахмедов Н.И., Қурбонзода Б.Ш.
ва Муллоҷонова Н.А.-ро тасдиқ мекунам»:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ШЪЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон», шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, тел: +992 (3422) 2-38-11, E-mail:Info@tsuibp.tj, www:http: tsuibp.tj.